**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи "Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода ба яке аз мавзӯъҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик – нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист дар мисоли воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Ин мавзӯъ дар муҳити илмии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Лозим ба таъкид аст, ки мавзӯи диссертатсия дар баробари арзиши илмӣ, барои журналистикаи амалӣ ниҳоят муҳим аст. Зеро бисёр ғалатҳои мантиқие, ки дар он таҳлил шудааст, аз тарафи баъзе журналистон такрор ба такрор истифода мешаванд.

Диссертант мақсад аз таҳқиқи мавзӯи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистро аз як тараф муайян намудани сатҳи риояи мантиқи эҷоди журналистӣ дар матолиби ВАО, аз тарафи дигар, бо таҳлили мисолҳои воқеӣ нишон додани аносири таҳрир дар баёни андешае донистааст, ки нашр ва ё пахш мешавад. Ӯ барои расидан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро пеши худ гузошта ва то ҳадде ба онҳо даст ёфтааст, ки қобили таваҷҷӯҳ мебошанд:

– баррасии ҷанбаҳои назариявии нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист;

– нишон додани дараҷаи риояи мантиқи гуфтор дар барномаҳои телевизионӣ;

– ошкор намудани вижагиҳои мантиқии корбасти аксу расм дар нашрияҳои даврӣ;

– муайян кардани муҳтавои мантиқии савол ва диалогҳои намоишу гуфторҳои телевизион ва радио;

– таҳлили мантиқии нақди матбуоти даврӣ оид ба барномаҳои

телевизион;

– баррасии қонунмандиҳои мантиқ ва нишон додани алоқамандии онҳо бо фаъолияти журналистӣ;

– мушаххас намудани мантиқи муҳокимаҳои журналистӣ ҳамчун категорияи муайянкунандаи фикр;

– дар заминаи таҳлили маводи журналистӣ нишон додани навъҳои хулосабарорӣ;

– коркарди низоми илмии мантиқи фаъолияти эҷодӣ дар журналистикаи тоҷик.

Интихоб ва пеш гирифтани роҳи дуруст ва конкретии пажӯҳиши мавзӯъ ба муаллифи диссертатсия имкон фароҳам оварда, ки ғалатҳои зиёдеро аз забони ВАО-и гуногун пайдо ва дар асоси онҳо низоми илмии риояи мантиқ дар раванди таҳияи матни журналистиро шакл диҳад. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки пешрафти илм, технологияи коммуникатсионӣ, баланд гардидани савияи дониш ва ҷаҳонбинии аудитория, ба манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ майл кардани воситаҳои ахбори омма, дар ҷойи аввал қарор гирифтани фаврият ба саҳеҳият, зиёдагӯиву пурҳарфӣ ва ибрози фикрҳои санҷиданашудаи бархе аз журналистон анҷом додани таҳқиқеро бо баррасии вазъи риояи мантиқ дар ВАО-и Тоҷикистон ниҳоят зарур гардонида буд. Инчунин, дар шароити рушди воситаҳои ахбори оммаи электронӣ дар фаъолияти журналистӣ тақозо мекунад, ки ба масъалаи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист низ таваҷҷуҳи илмӣ зоҳир шавад. Ин самти илм риояи мантиқ ва меъёри истифодаи категорияҳои онро, ки дар ВАО амалӣ мегардад, талаб мекунад. Табиист, ки дар кори эҷодӣ мантиқ нақши калон дорад. Тавассути мантиқ сухан муназзам мегардад, гуфтору намоиш муассир мешавад. Дар баробари ин мантиқ ба гуфтор солорӣ мебахшад ва ба дарку фаҳми шунавандаву бинанда кумак мерасонад. Ба ин манзур, дар ҳар гуна таҳқиқоти марбут ба фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла дар пажӯҳишҳои алоқаманд ба журналистика ба нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналистон зарурати таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба миён меояд, зикр намудааст диссертант.

Таҳлили сатҳи риояи мантиқ дар матолиби журналистӣ аз ҷониби диссертант маълум намуд, ки дар самтҳои ҳамҷавори илми забоншиносӣ, психология ва фалсафа бахшҳои наздик ба мантиқи эҷод, фикр, сухан ва рафтор таҳлил шудаанд. Ин гувоҳ аз он медиҳад, ки муаллифи диссертатсия атрофи мавзӯи таҳлилшаванда, аз чанд нигоҳ пажӯҳиш бурдааст. Диссертант барои таҳкими арзиши илмии диссертатсияи номзадӣ аз ҳар пажӯҳише вобаста ба андеша, сухан ва рафтор, ҷуръае гирифтааст. Бештар такя намудан ба муҳаққиқони Россия низ дурусту мантиқист, зеро онҳо таҳқиқотҳое зиёде дар бахши фарҳанги мантиқии журналистӣ ва мантиқи журналистӣ анҷом додаанд.

Нукоти ба дифоъ пешниҳоднамудаи диссертант далели маҳорати пажӯҳишии ӯ мебошад. Ҳар як банди он назари таҳлилӣ-мантиқӣ ва маърифати касбӣ талаб менамояд. Дар тақриз зикри дубораи онҳо ба манфиат мебошад:

– дар фаъолияти эҷодии журналистӣ мантиқ яке аз меъёрҳои асосӣ маҳсуб ёфта, низоми фикр, асоснокии гуфтор, таъсирнокии мавод ба дарки дуруст ва риояи фарҳангии он алоқамандӣ дорад;

– дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ, ҳамчунин маводи нашрияҳои даврӣ тарзи масъалагузорӣ ва фикри солим ба мушоҳида расад ҳам, на ҳамеша масъалагузорӣ, мулоҳиза, хулоса ва пешниҳоди журналистон ба ҳамдигар алоқамандии мантиқӣ пайдо мекунад. Ин ҳолат ба зуҳури унсурҳои ғайрикасбӣ, халалдор гардидани меъёру принсипҳои касбӣ ва паст шудани эътибори журналистон оварда мерасонад;

– дар барнома ва намоишҳои телевизионӣ навор сухани журналистро ба воқеа ва зуҳуроти инъикосшаванда алоқаманд намуда, ба он солорӣ ва ҷолибият мебахшад. Алоқаи мантиқии навору сухан дар барномаҳои телевизионӣ аслан риоя шавад ҳам, ҳолатҳои номувофиқатии онҳо зуд–зуд ба чашм мехӯрад.

– истифодаи мантиқии аксу тасвир дар матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ бо вуҷуди ба таваҷҷуҳи бештари хонанда мусоидат кардан, аз нуқси мантиқӣ орӣ нест. Омили асосии чунин камбудӣ таваҷҷуҳи бештар

ба очилияти пахш мебошад, ки бар касбият ғолиб омадааст;

– мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист инъикоси бошууронаи воқеаҳо, истифодаи тафаккури илмӣ ва пешниҳоди андешаи эътимоднокро тақозо мекунад. Накди марбут ба барномаҳои телевизион ва радиоии матбуоти даврӣ ин ҷиҳатҳоро асоснок мегардонад;

– қонунҳои мантиқ: айният (якрангӣ), зиддият (мухолифат), истиснои салоса (хориҷ кардани ақидаи сеюм) ва кифоягии (басандагии) далел ба фаъолияти журналистӣ, ба вижа дар самти инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, баррасӣ ва ҳалли тазодҳо, собитсозии фикр, мулоҳизаронҳои мантиқӣ, ҷамъбасту натиҷагириҳо сахт алоқамананд;

– ба назар нагирифтани талаботи категорияҳои хулосабарорӣ ва муҳокимаҳои мантиқӣ, аз ҷумла муҳокима – таҳқир, муҳокима – манфиат ва муҳокимаи яктарафа ба нуфузи воситаҳои ахбори омма таъсири манфӣ расонидаасту мерасонад. Дар чунин вазъият тарғиби дурусти музокира ва мубоҳиса пеш меояд.

Таъкид кардан зарур аст, ки аз лиҳози барасмиятдарорӣ диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода ба талаботи муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои кор, объекти он, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, моҳияти таҳқиқ, хронологияи он, ҳадаф ва вазифаҳои муайян, арзиши назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда ва тадбиқи натиҷаҳои таҳқиқ муаррифӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия-**"Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ"** аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин боб диссертант бо руҷӯи кӯтоҳ оид ба ҳамбастагиҳо миёни илмҳои гуногун, бахусус мантиқ бо журналистика ба баррасии муҳтавою мундариҷаи мантиқии барномаҳои телевизионию радиоӣ ворид шудааст. Инчунин, дар зербобҳо нуқси мантиқии намоишу барномаҳо ва

омилҳои рух додани онҳо, истифодаи мантиқии навор ва аксу тасвир дар ВАО, дараҷаи накди мантиқии гуфтору барномаҳои телевизионию радиоии давлатӣ дар расонаҳои хусусӣ ва дигар паҳлӯҳои мавзӯъ бо таҳлили мисолҳо аз маводи худи расонаҳо, ҷолибу мантиқӣ муҳокима шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия – **"Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика"** ҳам аз се фасл иборат мебошад. Оид ба қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо бо журналистика, муҳокима ҳамчун категорияи идоракунандаи фикр, хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика се фасли боби дуюм баҳс мекунанд. Диссертант барои исботи назари худ оид ба муҳокимаву хулосабарории журналистон, аз расонаҳои гуногун мисолҳо оварда, сари масъалаи чигунагии онҳо назари муҳаққиқони дигарро истифода намудааст.

Диссертант дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаро нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр намуда, баъзе тавсия ва пешниҳодҳо вобаста ба анҷом додани пажӯҳиши васеъ атрофи аҳамияти андешаи мантиқӣ баён менамояд.

Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода барои журналистикаи назариявию амалии тоҷик истилоҳҳои наверо, ба мисли, мантиқ ва журналистика, андешаи мантиқӣ, муҳокима ва хулосабарории мантиқӣ, навору сурати мантиқӣ ва ғайраро то андозае муаррифӣ ва ошно месозад.

Диссертант дар хулосаи кор ба маврид зикр мекунад, ки: "Матни журналистие, ки дар асоси қонуну категорияҳои мантиқ офарида мешавад, пеш аз ҳама, эътимоди шунаванда, хонанда ва бинандаи ВАО-ро ба фаъолияти журналистон қавӣ мегардонад. Риояи мантиқ дар баробари журналистон, инчунин барои муҳаррирон, тарроҳону масъулони сомонаҳо, наворбардорону танзимгарони телевизион, коргардонҳои радио, саҳифабанди нашрияҳо ва гурӯҳҳои дигари техникиву эҷодӣ низ ниҳоят зарур аст".

Дар баробари комёбиҳо, дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати рисолаи диссертатсионӣ

хоҳад буд:

1. Нақши мантиқ дар фаъолияти журналист мафҳуми васеъ буда, мавзӯъ талаб мекунад, ки ба мантиқи номгузории маводи матбуотӣ, суханронӣ дар гуфторҳои радиоӣ, либоспӯшӣ ва ҳатто нигоҳу оҳанги суханронӣ дар барномаҳои телевизионӣ таваҷҷуҳ намудани муаллифи рисола боиси мукаммал гардидани диссертатсия мегашт;
2. Фаъолияти эҷодии журналист бештар ба риояи талаботи жанрҳои журналистика вобаста аст, аз ин рӯ хуб мебуд ақаллан яке аз зербобҳо ба мавзӯи жанрҳои журналистика ва истифодаи мантиқии онҳо дар воситаҳои ахбори омма бахшида мешуд;
3. Муаллифи рисолаи илмиро зарур буд, ки ҳангоми таҳлили мантиқии матнҳо махсусан маводи воситаҳои электронии ахбори омма: телевизион ва радио матнро дар шакли сенария меовард ва мувофиқати навор, мусиқӣ, интершум ва матнро возеҳтар кушодан имконпазир мегашт;
4. Дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ дар баробари сабки илмӣ сабки публитсистӣ истифода шудаст;
5. Дар диссертатсия нуқсонҳои ҷузъии имлоию техникӣ ба назар мерасанд.

Ин норасоиҳо чузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Муаллиф вазифаву масъалаҳои дар диссертатсия пеши худ гузоштаро пурра иҷро намудааст. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, ҳаҷм, мундариҷаву муҳтаво ва мазмун ҷавобгӯ ба талабот таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро дарбар мегирад. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи қайди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

илмии тақризшавандаи қайди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода дар мавзӯи **"Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)"** таҳқиқоти баохиррасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Он бо навгониҳои илмӣ, муҳиммият, ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, мувофиқ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муъминҷонов Зулфиддин
доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Маълумот барои иртибот:
доктори илмҳои филологӣ
(ДДН № 0606/4-401Д от 7.02. 2020г. № 173/нк)
дотсент бо ихтисоси "Журналистика"
(ЗДЦ № 012593 от 12. 04. 2018г. № 392/нк)
Ҷойи кор: МДТ "ДДФСТ ба номи М. Турсунзода"
Вазифа: декани факултети режиссура,
кино ва телевизион Муъминҷонов Зулфиддин

Имзои Муъминҷонов З. - ро
тасдиқ мекунам.Сардори шуъбаи
кадрҳои МДТ "ДДФСТ ба номи
М. Турсунзода" Ҳомидова Зарина
30.01.2021с.
Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе, хиёбони
Борбад 73а, МДТ "Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода"
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com